## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос. – Бохтар, 2025. – 170 с.**

Мавзуи диссертатсионии Қосимзода Лутфия Шералӣ ба масъалаи муҳимми таърихи иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он нақш ва ҷойгоҳи хоҷагии роҳҳо дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 1924–1990 мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷараёни барқарорсозӣ, ташаккул ва рушди шабакаи роҳҳо, нақлиёт ва инфрасохтори марбут ба онро дар заминаи тағйироти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давраи мавриди таҳқиқ нишон диҳад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқ ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Қосимзода Лутфия Шералӣ мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон – барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 1924–1990 бахшида шудааст. Дар таърихнигории ватанӣ масъалаҳои гуногуни рушди иқтисодиёт, нақлиёт ва инфрасохтори ҷумҳурӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд, вале то имрӯз бисёр паҳлуҳои марбут ба ташаккул ва рушди хоҷагии роҳҳо дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд.

Минтақаи Қӯрғонтеппа ҳамчун яке аз марказҳои муҳимми кишоварзӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи мавриди таҳқиқ рушди назаррасро аз сар гузаронида, пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқ дар минтақа ба сатҳи рушди роҳҳо ва коммуникатсияҳои нақлиётӣ вобастагии зич дошт. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи таърихии барқарорсозӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақа барои дарки равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Мубрамияти мавзуи пажӯҳиш бар он асос меёбад, ки дар таърихнигории ватанӣ бори аввал масъалаҳои марбут ба барқароршавӣ ва

рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа дар доираи як пажуҳиши мустақили илмӣ мавриди омӯзиши фарогир қарор гирифтаанд. Муаллиф бо истифода аз маводи бойгонӣ, маводи оморӣ ва дигар сарчашмаҳои муътамад кӯшиш намудааст, ки марҳилаҳои асосии рушди соҳа, сиёсати давлат дар самти роҳсозӣ ва нақши роҳҳоро дар рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа муайян намояд.

Ҳамин тавр, диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқро асоснок намуда, зарурати омӯзиши илмии масъалаи барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлонро дар солҳои 1924–1990 ба таври возеҳ ва қонеъкунанда нишон додааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгониҳои илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки муаллиф бори нахуст кӯшиши таҳқиқи таърихи таъмир ва сохтмони роҳҳоро ҳамчун яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихӣ қарор дода, натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи онро дар асоси навгониҳои зерин рӯйи кор овардааст: 1) дар рисола бори аввал вазъияти тоинқилобии роҳҳои алоқаи байни ноҳияҳои минтақа дар ин давра мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Дар баробари ҳамин таъсири таъмиру сохтмони роҳҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа нишон дода мешавад; 2) вобаста ба вазъияти давраи солҳои 20-уми асри XX, дар рисола бори аввал қаҳрамонию фидокории роҳсозони он давра дар хусуси мубориза бо бероҳӣ таҳлил гардида, нақши сохтмончиёни роҳҳо дар беҳ гардонидани вазъи роҳҳои минтақа мавриди таҳлил қарор гирифтааст; 3) дар рисола раванди таъмиру сохтмони роҳҳо аз давраи аморати Бухоро то ба давраи шуравӣ таҳлил шуда, аҳаммияти ин раванд аз нуқтаи назари илмӣ нишон дода мешавад; 4) таҳлили рушди сохтмони роҳҳои алоқа дар замони шуравӣ нишон медиҳад, ки нақши асосиро дар ин самт мутахассисон бозидаанд ва аз ҳамин лиҳоз, дар рисола бори аввал тарзи тайёр намудани мутахассисони роҳсоз ва нақши онҳо дар таъмиру сохтмони роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа муайян карда мешавад; 5) дар рисола саҳми мутахассисони роҳсози дигар халқу миллатҳо низ ошкор карда мешавад, ки номи онҳо бори аввал дар саҳифаҳои таърих сабт гардиданд.

Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷолиб ва диққатҷалбкунанда буда, диссертант дар назди худ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ вазифагузориҳо намудааст, то вижагиҳои барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 1924-1990 мавриди баррасӣ қарор диҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар

таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии муаррихони ватанию хориҷӣ истифода намудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, натиҷаи таҳлили амиқи сарчашмаҳои таърихӣ, таҷрибаҳои ҷудогонаи минтақавӣ ва таҳқиқи назариявӣ мебошанд. Инчунин, бахши тавсияҳои диссертатсия, ки аз 10 банд иборат мебошад, аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуи таҳқиқро дар заминаи омӯзиши таърихи рушди хоҷагии роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётии минтақаи Қӯрғонтеппа инъикос менамояд. Тавсияҳо бо назардошти таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шуда, ба дурнамои васеи мавзуи таҳқиқотӣ равона шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки диссертант бори аввал як қатор ҳуҷҷатҳои нави бойгонӣ ва инчунин маводҳои нашршудаи муҳаққиқони ватаниро, ки ҳанӯз объекти таҳлили илмӣ нагардидаанд, ба гардиши илмӣ ворид мекунад.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсия дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои дар он мавҷудбуда, ки дар асоси пажуҳиши илмӣ таҳия шудаанд, бо тавсияҳои таърихӣ ба системаи хоҷагии роҳ дар ҷумҳурӣ саҳми муайян мегузоранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва номгӯйи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 170 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Таҳлили қисми муқаддамотӣ** ва тавсифи умумии рисола шаҳодат медиҳад, ки муаллиф муҳиммияти мавзуи таҳқиқиро бо далелу асосҳои муътамад ва таҳлили амиқ ба таври муассир нишон додааст. Муқаддимаи диссертатсия бо назардошти талаботи ҷорӣ, ки аз бандҳои мубраммии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объект ва усули таҳқиқ, маводи истифодашуда дар диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, ки таҳқиқ ва сохтори диссертатсия таркиб ёфтааст, мувофиқи талабот, пурмазмун ва фарогир таълиф гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Хочагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 20-40–уми асри XX»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масъалаҳои ташкил намудани заминаҳо барои таъмиру сохтмони роҳҳои минтақа ва муайяну муҳайё намудани шароитҳо барои сохтмони роҳҳои нақлиётгард дар ноҳияҳои ҷанубии кишвар мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд.

Зербоби аввали боби якум **«Таърихи таъсиси заминаҳои сохтмони роҳҳо дар минтақа (с. 1920-1929)»** ном дошта, дар он зикр мегардад, ки рушди таърихӣ хусусиятҳои хоси худро дошт. Дар ин зербоб таърихи таъсиси заминаҳои сохтмони роҳҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта, маълум гардид, ки нахустин кӯпрук дар мавзеи Пули сангини болои дарёи Вахш дар қаламрави ш. Норак сохта шуда буд. Қайд кардан ба маврид аст, ки сохтмони роҳҳо ва пулҳо дар шароити ниҳоят вазнин ба амал меомад, яъне сохтмончиён гоҳе бо асбобҳои сохтмонӣ ва гоҳе бо яроқу аслиҳа сару кор мегирифтанд. Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда нақшаҳои давлатии сохтмони роҳу пулҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа дар солҳои 20-уми асри XX бо сифати баланд ба анҷом расид.

Зербоби дуюми боби якум **«Шароитҳои сохтмони роҳ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ (с.1930-1939)»** ном дошта, дар он маълумот доир ба яке аз аввалин хоҷагии роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 20-30-юми асри XX мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Муаллиф менависад, ки дар сохтмони роҳҳои нақлиётгард танҳо 40% коргарони техникӣ буданд. Бинобар он дар давоми ду сол нақшаи сохтмони роҳҳо 24,7 фоиз иҷро гардид. Моҳи майи соли 1930 сохтмони қитъа дар роҳи Душанбе-Қӯрғонтеппа оғоз ёфт, ки ин аввалин роҳи сангпӯш дар ҷумҳурӣ буд. Сохтмони ин роҳ дар робита ба рушди сохтмони обёрии Вахш кори аввалиндараҷа ва асосии «Тоҷикглавдортранс» буд.

Ҳамин тавр, дар ин зербоб диссертант зикр намудааст, ки солҳои 30-юми қарни XX барои ҶШС Тоҷикистон солҳои бунёдӣ ва асосӣ маҳсуб меёбанд, чунки дар ин солҳо туманҳо ва тақсимбандиҳои аҳди амирӣ барҳам дода шуда, ба ҷойи онҳо ноҳияҳо ва шуроҳои деҳот таъсис дода шуданд.

Зербоби сеюми боби якум **«Ташаккули ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 40-уми асри XX»** ном дошта, дар он масъалаҳои рушди сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппа дар солҳои 40-уми асри XX мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Диссертант қайд менамояд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–1945) ба корҳои роҳсозӣ Раёсати асосии роҳсозии назди Шурои

Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон роҳбарӣ мекард. Сарфи назар аз вазъияти душвори ҷангӣ, корҳои сохтмон ва ободонӣ дар ҷумҳурӣ идома ёфта, як қатор роҳҳои муҳимми автомобилгард, аз ҷумла самтҳои Сталинобод–Қӯрғонтеппа, Қӯрғонтеппа–Данғара ва дигар роҳҳои аҳаммияти иқтисодидошта сохта ва такмил дода шуданд. Муаллиф нишон медиҳад, ки сохтмони роҳҳо барои рушди иқтисодӣ, беҳтар гардидани алоқаҳои нақлиётӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуд. Ҳамзамон, бар асари мушкилоти ҷангӣ иҷрои баъзе нақшаҳои роҳсозӣ бо таъхир сурат гирифта, соли 1940 танҳо 85 фоизи корҳои пешбинишуда иҷро гардида буд.

Ҳамин тариқ, оиди зербоби сеюми боби якум, масъалаҳои ташаккул ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 40-уми асри XX муайян гардид, ки дар ин солҳо чун ҷанги ватанӣ мерафт, мушкилоти зиёдеро пеши назар овард.

Боби дуюми диссертатсия «**Модернизатсияи хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 50-70 - уми асри XX**» ном дошта аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар бораи рушди босуръати сохтмону таъмири роҳҳо дар солҳои 50-уми асри XX ва боз ҳам беҳтар намудани вазъи кори хоҷагиҳои роҳҳо ва таъмиру сохтмони роҳҳои навбунёд дар нимаи дуюми солҳои шастум ва солҳои 70-уми асри XX маълумот медиҳад.

Дар зербоби якуми боби дуюм, ки **«Тараққии интенсивии роҳсозӣ ва нақлиёт дар солҳои 1950 – 1964»** унвон дорад, пеш аз ҳама вазъи босуръати сохтмону таъмири роҳҳо ва нақлиёт дар минтақа мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар солҳои баъдиҷангӣ барои барқарорсозӣ ва рушди хоҷагии роҳ тадбирҳои мушаххас амалӣ гардиданд. Идораи «Главдорупр»-и назди ШКХ-и ҶШС Тоҷикистон бо техника, нақлиёт ва қувваи корӣ таъмини роҳҳои муҳимми ҷумҳуриро ба роҳ монда, корҳои таъмиру таҷдид ва беҳтарсозии роҳҳоро анҷом дод. Дар солҳои панҷсолаи панҷум иқтидори техникии соҳа ба таври назаррас афзуда, шумораи муассисаҳои роҳсозӣ ва техникаҳои махсус чандин баробар зиёд гардид. Муаллиф ба хулосае меояд, ки роҳсозон на танҳо роҳҳои харобгардидаро барқарор намуданд, балки барои рушди шабакаи роҳҳои нақлиётии минтақа низ саҳми арзанда гузоштанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия масъалаи **«Беҳтар намудани фаъолияти хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 1965-1979»** баррасӣ гардидааст. Яке аз масъалаҳои мубрами таърихшиносӣ таърихи рушди муассисаҳои

роҳсозӣ ва сохтмону таъмири роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа дар нимаи дуюми солҳои шастум ва солҳои 70-уми асри XX мебошад.

Муаллиф дар ин зербоб нишон медиҳад, ки дар солҳои 1960–1970 дар ҷумҳурӣ низоми мукаммали идоракунии хоҷагии роҳҳо ташаккул ёфта, барои сохтмон, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард сохторҳои махсус таъсис дода шуданд. Дар ин давра шабакаи роҳҳои автомобилгард босуръат рушд карда, шумораи муассисаҳои нақлиётӣ, воситаҳои нақлиёт ва корхонаҳои хизматрасонӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Дар натиҷа, дарозии роҳҳои дорои рӯпӯши сахт зиёд гардида, ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ мунтазам боло рафт. Муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки солҳои 1965–1979 марҳилаи муҳимми такмили хоҷагии роҳҳо ва таҳкими нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи Қӯрғонтеппа ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, масъалаи беҳтар намудани фаъолияти хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар солҳои 1965 – 1979 вазифаҳои нави меҳнатиро тақозо менамуд. Муайян гардид, ки минтақаҳои роҳсозӣ-истифодабарӣ бо механизмҳо мусаллаҳ буда, вазифаи муайянро ба ҷо меоварданд, супоришҳои роҳсозию таъмиркуниро сари вақт иҷро мекарданд.

Боби сеюми диссертатсия «**Аҳаммияти таърихии сохтмони роҳҳо дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон**» номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби сеюм масъалаҳои «**Механиконидани хоҷагӣ ва вусъат додани алоқаи роҳ дар солҳои 1980 – 1990**»- ро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Дар ин зербоб, диссертант қайд менамояд, ки рушди роҳсозӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппа аз солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ оғоз гардида, бо вуҷуди шароити душвори кӯҳистон тадриҷан ба яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодӣ табдил ёфт. Муаллиф нишон медиҳад, ки бунёд ва таъмири роҳҳо барои пайвастани ноҳияҳои дурдаст ба марказҳои иқтисодиву маъмурӣ, рушди робитаҳои иҷтимоӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуд. Ҳамзамон, дар солҳои баъдиҷангӣ корҳои барқарорсозӣ ва таъмири роҳҳо бо иштироки фаъоли аҳолӣ анҷом ёфта, рушди шабакаи нақлиётӣ ба афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва густариши ҳамлу нақли бору мусофирон замина фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, механиконидани хоҷагӣ ва вусъат додани алоқаи роҳ дар солҳои 80-уми асри XX боиси пешравии иқтисодии кишвар гардид.

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи «**Аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии азнавсозии роҳҳои нав дар минтақа**» баррасӣ гардидааст. Дар он

оварда мешавад, ки вазъи иҷтимоиву иқтисодии сохтмони роҳҳои нав дар минтақа аҳаммияти калон дошт.

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар солҳои 1980–1990 сифати сохтмон, таъмир ва нигоҳдории роҳҳо беҳтар гардида, ба таъмини бехатарии ҳаракат диққати махсус зоҳир карда мешуд. Азбаски, роҳҳои автомобилгард воситаи асосии ҳамлу нақли ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафтанд, рушди онҳо барои пешрафти соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва робитаҳои иқтисодӣ аҳаммияти муҳим дошт. Диссертант нишон медиҳад, ки дар ин давра нақшаҳои боркашонӣ ва мусофиркашонӣ бомуваффақият иҷро гардида, фаъолияти муассисаҳои нақлиётӣ ва роҳсозӣ натиҷаҳои назаррас ба бор овард. Ҳамчунин, барои рушди минбаъдаи хоҷагии роҳ захираҳои нави истеҳсолӣ, такмили базаҳои техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кормандони соҳа ҳамчун омилҳои муҳим арзёбӣ шудаанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили масъалаи аҳаммияти таърихии сохтмони роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон маълум гардид, ки рушди роҳҳои ҷумҳурӣ дар вақти кутоҳ гузаронида шуд, ки барои саривақт таъмиру сохтмони роҳҳо баъзе душвориҳоро ба миён овард ва ин ба меъёрҳои муқаррарии техникӣ алоқамандии зич дошт. Аммо ба ин нигоҳ накарда сохтмони роҳҳои нақлиётгард дар минтақаи Қӯрғонтеппа мунтазам ба пешравиҳо ноил гардид.

Ҳамин тариқ, муҳтавои бобҳо ва зербобҳои диссертатсия аз пайдарҳамӣ ва мантиқи илмӣ бархурдор буда, барои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ мусоидат менамояд. Муаллиф тавонистааст раванди ташаккул, рушд ва аҳаммияти хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаро дар солҳои 1924–1990 дар заминаи сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ба таври фарогир таҳқиқ ва арзёбӣ намояд.

**Хулосаи диссертатсияи** Қосимзода Лутфия Шералӣ аз натиҷаи баҳсҳои илмӣ баромада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқии ӯро нишон медиҳад. Дар хулоса натиҷаи пажуҳиш ба тариқи фишурда аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба 169 адад мерасад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Маводи батабъърасида муҳимтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ кори диссертатсионии мавриди назар аз баъзе нуқсону камбудиҳо низ иборат мебошад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи он аз манфиат холӣ нест ва ислоҳи онҳоро зарурӣ меҳисобем:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуи диссертатсионӣ номи муҳаққиқони алоҳидае, ки ба таҳқиқи масъалаи мазкур машғул шудаанд, кам зикр гардидаанд;
2. Дар диссертатсия масъалаи муқоисаи рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппа бо дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаҳои Кӯлоб ва Ҳисор, ба таври кофӣ мавриди таҳлил қарор нагирифтааст;
3. Дар баъзе мавридҳо муаллиф ба овардани маълумоти оморӣ ва санадҳои бойгонӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, таҳлили илмии сабабҳо ва омилҳои таъсиргузорро ба рушди хоҷагии роҳҳо ба таври мухтасар пешниҳод кардааст;
4. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, ҷанбаи тавсиявӣ доранд. Ислоҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография арзиши илмии кори диссертатсиониро боло мебарад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, сохтор ва мазмуни диссертатсияи Қосимзода Лутфия Шералӣ дар мавзуи «Барқароршавӣ ва рушди хоҷагии роҳҳои минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1990)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта донистан мумкин аст, ки дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ),
муаллими калони кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ватанзода Шердил Ватан

Имзои В.Ш. Ватанзода-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

**Суроғаи муассиса:** 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел: (+992 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj,
«22» 06. соли 2026